МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№2 (92),
ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Шумо бояд аз гузаштаи пурифтихору ибратомӯзи миллати фарҳангиву сулҳдӯст, соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободгару созандаи тоҷик сабақи мардонагӣ гирифта, дар баробари нишон додани садоқат ба Ватан, инчунин шахсони аз таърихи миллати худ огоҳ ва зираку ҳушёр бошед.

Зеро ин омилҳо асоси пойдории Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла Артиши миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомӣ - ҷузъи муҳимтарини давлатдории миллӣ ва сипари боэътимоди Ватани азизамон мебошанд.

Сатҳи баланди касбӣ ва омодагии ҷангии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон аз таълиму тарбияи хуби афсарону сарбозон, риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ ва интизоми қатъӣ, ҳушёриву зиракӣ, мунтазам такмил додани донишҳои сиёсиву низомӣ ва дарки баланди ватандӯстиву садоқатмандии хизматчиёни ҳарбӣ вобастагии мустақим дорад.

Бахусус дар солҳои охир, ки раванди ҷаҳонишавии проблемаҳои башарӣ, рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ ва таҳдиду хатарҳои нав, аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷинояткориҳои фаромиллӣ торафт шиддат гирифта, ҳувияти фарҳангӣ ва ҳатто истиқлолияти сиёсии кишварҳои сайёраро осебпазир мегардонанд, мову шумо вазифадорем, ки тавассути татбиқи усулҳо ва низоми нави идоракунии ҷузъу томҳо, ҷорӣ намудани роҳу усулҳои мубориза бар зидди хатарҳои ҷаҳони муосир, сайқал додани маҳорати касбӣ ва қобилияти ҷангии артиш дар роҳи баланд бардоштани қудрати дифоии кишвар мунтазам чораҷӯӣ намоем.

Ҳукумати мамлакат минбаъд низ бо мақсади навсозӣ, яъне модернизатсияи асосҳои моддиву техникии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагиву хизмат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Дар баробари ин, ҳар кадоми шумо бояд ҳифзи арзишмандтарин дастоварди миллати тоҷик - истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро, ки иродаи сиёсӣ ва фарҳанги бостонии халқи тамаддунсози моро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ менамояд, дар мадди аввал гузоред.

Бо итминони комил изҳор медорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат ба савганди ҳарбии худ ҳамеша содиқ монда, рисолати фарзандии худро дар назди Ватан, миллат ва давлати Тоҷикистон бо сарбаландӣ адо мекунанд ва тамоми донишу таҷриба ва малакаву маҳорати худро ба хотири ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ сафарбар месозанд.

Дар ин лаҳзаҳои тантанавӣ ба шумо - ворисони ин сарзамини воқеан куҳанбунёди таърихӣ муроҷиат менамоям, ки бояд соҳиби афкори солиму созанда бошед ва Ватану миллати худро баробари модари худ дӯст доред.

Зеро осудагиву тараққиёти Тоҷикистон ободиву осоиши хонадони ҳар яки шумо низ мебошад.

**Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон**

# Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мактаби ҷавонмардист!

Ҷавонон неруи созандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд. 70 фоизи аҳолии кишварро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Ҷавонони мамлакати моро Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои миллии ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чанд созмони дигари ҷамъиятию эҷодӣ муттаҳид менамоянд. Ҳукумати кишвар ба масъалаи ҷавонон диққати махсус медиҳад. Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат нисбати ҷавонон зикр намуданд, ки ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.



Таъкид гардид, ки мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Воқеан, имрӯз ҷавонони мо ҳамчун неруи бузурги бунёдгару созандаи кишвар ва умеди фардои дурахшони давлату миллат эътироф шудаанд, ки албатта чунин таваҷҷуҳ, пеш аз ҳама аз ҷавонон масъулиятшиносиро талаб менамояд.

Имрӯз Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолии мамлакатамонро наврасону ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар ин, роҳбарияти давлат, хосатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки ҳамаҷонибаи ҷавононро дар раванди ободкориву созандагии Ватани муқаддасамон ҳамеша дастгирӣ намуда, барои беҳтар гардонидани шароити зиндагиву таҳсил, касбомӯзӣ ва фаъолияти босамари онҳо тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодаанд. "Мо ба наврасону ҷавонони бонангу номуси худ боварӣ дошта, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан ояндаи Ватан ва идомадиҳандаи кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд.

Аз ин рӯ, масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ ва худшиносиву худогоҳии наврасону ҷавонони кишвар бояд ба яке аз самтҳои асосии касбу кори мо табдил ёбанд. Бояд қайд намуд, ки дар замони бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва байнидавлатӣ ҳифзи манфиат ва арзишҳои миллӣ барои ҳама қишрҳои ҷомеа, алалхусус ҷавонон, киояндаи миллат ва ҷамъият мебошанд, аз ҳама муҳим арзёбӣ мегардад.

Албатта суханҳои зикргардида, пеш аз ҳама ба хотири боз ҳам дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди тарбияи ҷавонон мебошад. Чунки Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан, шукронаи соҳибдавлатиро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҷавонони мо бояд онҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳанд ва бовар дошта бошанд, ки танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем кишвари воқеан ободу пешрафта ва тавоно бунёд намоем. Зеро ҳифзи давлату миллат ва марзу буми кишвар, пеш аз ҳама ба ҷавонони бонангу номус ва далеру шуҷои Ватан вогузор шудааст. Шумо, ҷавонон бояд Ватанро ҳамчун модари худ, ҷони худ дӯст доред, ба қадраш расед ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоед".

23-юми феврал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун анъана мо яке аз санаҳои муҳими таърихи давлатдории навини худ, яъне таъсиси Артиши миллиро ҷашн хоҳем гирифт. Сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби ҷавонон пурра гардонида мешавад. Дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки: "Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст".

Ҳамасола ҳудуди 30 ҳазор ҷавони аз 18 то 27-сола дар Тоҷикистон барои хизмат дар сафи артиш ҷалб мешаванд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Тоҷикистон низ чун дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар маркази осебҳои зиёди амниятӣ қарор дорад, бояд артише бархӯрдор аз тавонмандиҳои лозим дар ихтиёр дошта бошад. Вуҷуди манбаи ноамниҳои минтақавӣ дар Афғонистон, ки бо Тоҷикистон 1400 километр марз дорад, аҳамияти ин мавзӯъро бештар кардааст. Аз ин рӯ, давлат дар ростои тақвияти артиши худ рӯ ба ҳамкориҳои низомӣ бо кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Руссия, Чин, ИМА ва Ҳиндустон овардааст. Дар натиҷаи ин ҳамкориҳо Артиши миллии Тоҷикистон то ҳадде бо кадрҳои соҳибтахассус ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин шудааст.

Ба ақидаи таҳлилгар ва шореҳи масоили сиёсии кишвар Сайфулло Сафаров, хизмати ҳарбӣ новобаста аз сулҳу оромӣ зарур ва ҳатмист: "Хизмати ҳарбӣ дар ҳама замон зарур аст. Новобаста ба он, ки абарқудратҳо ҳастанд ва ё нестанд, ҳамсояҳо хубанд ва ё баданд, дар давлатҳои ҳамсоя ҷанг ҳаст ва ё не. Зеро мегӯянд, ки "Агар хоҳони сулҳ бошӣ, доимо ба ҷанг омода бош". Яъне, хизмати ҳарбӣ мактаби мардонагии ҳар як шаҳрванд аст. Аз ин сабаб, новобаста ба вазъияти сиёсию иҷтимоӣ хизмат дар сафи Артиши миллӣ ҳамеша омили зарурӣ ба ҳисоб меравад".

Лозим ба ёдоварист, ки Артиши миллӣ, дарвоқеъ зодаи даврони истиқлол мебошад. Қувваҳои Мусаллаҳ дар марҳилаи ниҳоят вазнин ва ҳассоси таърихӣ, дар шароите таъсис дода шуданд, ки мавҷудияти давлати тоҷикон ва бақои истиқлолияти он таҳти хатари нобудӣ қарор гирифта буданд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, ҳарчанд роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ бобати созмон додани Артиши миллӣ кӯшишҳое аз худ нишон дода бошанд ҳам, вале онҳо бо сабабҳои маълум амалӣ нагардиданд.

Нахустин кӯшиш дар ин замина Фармони Президенти Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 1991 "Дар бораи ташкил намудани Горди миллӣ" буд.

Баъдтар - 4-уми январи соли 1992 Фармон "Дар бораи ташкил намудани Кумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон", 10-уми июни соли 1992 Фармон дар бораи таъсиси Горди халқӣ ва 17-уми сентябри соли 1992 Фармон дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида бошанд ҳам, вале вобаста ба авзои носолими сиёсӣ ва мураккаби оғози давраи соҳибистиқлолӣ, имконият ва шароити таъсиси Артиши миллӣ муяссар нагардид. Танҳо баъд аз баргузории Иҷлосияи таърихии XV1-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ибтикори шахсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди Артиши миллӣ ба таври воқеӣ амалӣ гардонида шуд.

18-уми декабри соли 1992 Қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон" ва қарор дар бораи роҳбарии фаврӣ, идоракунии мутамарказ ва сафарбаркунии неруҳои мусаллаҳи сохторҳои низомӣ бо мақсади ҳарчӣ зудтар ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон қабул гардид, ки роҳбарии он ба зиммаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шуд. Аз дигар ҷониб, ба тасвиб расидани ин қарорҳо заминаи ҳуқуқиро барои ташкили Артиши миллӣ фароҳам оварданд.

Президенти мамлакат Артиши миллиро ҳамчун кафили бақои истиқлолият тавсиф намуда таъкид карданд, ки "Артиши миллии мо баръакси дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, ки дар он давра аллакай ба мероси худ - аслиҳаву техникаи ҳарбӣ ва дигар заминаҳои моддиву техникиро соҳиб шуда буданд, бе ягон таҳкурсӣ ва пойгоҳи аввалия ташкил карда шуд, ба мо лозим омад, ки корро дар ҷойи холӣ аз сифр оғоз намоем. Аммо сарфи назар аз ҳама мушкилот, мо имрӯз бо ифтихор гуфта метавонем, ки Артиши миллии тоҷик ба вуҷуд омад. Он ба дараҷаи кофӣ қудрат дорад, ки мамлакатро аз таҳдидҳои дохиливу берунӣ ҳифз намояд".

Бояд гуфт, заминаи аввалияи ташкили Артиши миллӣ бо таъсиси Бригадаи таъйиноти махсуси ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҷмӯи вазифаҳояш ҳамчун нахустсохтори он 5-уми декабри соли 1992 ташкил карда шуд.

Имрӯз бо ифтихор гуфта метавонем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҳанӯз дар рӯзҳои аввали таъсисёбиаш дар роҳи ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, барқарор кардани сохти конститутсионӣ, дар мубориза ба муқобили дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткор, ошӯбҳои хиёнаткорона, кӯшишҳои табаддулоти ҳарбӣ ва ҳифзи сарҳади давлатӣ хизмати фидокоронаро анҷом дода, имрӯз ба як неруи тавонои ҳарбӣ дар дохили кишвар ва дар фазои САДД табдил ёфтааст.

Бояд зикр намуд, ки ҷараёни такмил ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ, ба вуҷуд овардани воҳидҳои таркибии он ҳам аз лиҳози моддӣ-техникӣ ва ҳам пурра кардан бо мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҳарбӣ, то ба имрӯз идома дорад. Зеро Ҳукумати мамлакат аз ибтидо бо мақсади ҳарчӣ зудтар ба эътидол овардани вазъияти дохилӣ ба ислоҳоти соҳаи ҳарбӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, ташкили воҳидҳои зарурии низомӣ ва таъмини онҳо бо иншоот, техника ва лавозимоти ҳарбӣ, тарбияи кадрҳои соҳибихтисос, баланд бардоштани қобилияти ҷангиву омодагии ҳарбии воҳидҳои низомии Қувваҳои Мусаллаҳ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, сарфи назар аз душворию мушкилиҳои зиёд ҳамеша кӯшиши ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва моддиву техникии ин сохторро таъмин намуда истодааст. Дар ин замина, ҳанӯз то охири соли 1993 муҳимтарин қонунҳои танзимкунандаи

фаъолияти низоми амнияти миллӣ ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қӯшунҳои дохилии ВКД ҶТ"( 28.12.1993), Қонунҳо "Дар бораи амният", "Дар бораи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ" ва "Дар бораи таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ" ба тасвиб расиданд, ки дар роҳи таъмини неруи мудофиавии Тоҷикистон қадами ҷиддӣ буд.

Барои боз ҳам вусъат бахшидан ба ҷараёни такмилу таҳкими Қуваҳои Мусаллаҳ ва пурзӯр намудани масъулияти сохторҳои низомӣ баҳри таъмини амнияти миллӣ, фармонҳо "Дар бораи тадбирҳои боз ҳам беҳтар кардани тарбияи мутахассисон барои Қувваҳои Мусаллаҳ, Гвардияи президентӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дохилӣ", "Дар бораи тадбирҳои таъхирнопазири таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани интизоми ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ" ба тасвиб расиданд, ки раванди ин дигаргуниҳоро боз ҳам вусъати тоза бахшид.

Дар ин замина, Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ ва Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ имкон пайдо намуданд, ки маҳорату малака ва омодагии ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбиро ба сатҳи баландтар бардоранд, идораи ягонаи ҳарбиро ба роҳ монанд, вазифаҳои ҷангии қӯшунҳоро муайян намуда, ҳамоҳангии онҳоро бо дигар ҷузъу томҳои низомӣ ба роҳ монанд.

Дар ибтидои соли 1999 дар сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон се навъи қӯшунҳо - қӯшунҳои хушкигард, қӯшунҳои зиддиҳавоӣ ва қувваҳои ҳарбии зиддиҳавоӣ таъсис дода шуданд. Баъдан онҳо муттаҳид гардонида шуданд, ҳамчунин Қӯшунҳои зудамал таъсис дода шуд.

Илова бар ин, дар Қувваҳои Мусаллаҳ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида шуда, Сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳ ба Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ табдил дода шуд, ки ба зиммаи он вазифаҳои муҳимтарин, пеш аз ҳама роҳбарии мутамарказ ба ҳамаи ситодҳои сохторҳои қудратии малакат, омӯзиши вазъи ҳарбиву сиёсӣ, муайян кардани дараҷаи хатари ҳарбӣ ва омодагии ҳарбиву тактикии ситодҳо ва қӯшунҳо вогузор шудаанд.



Дар баробари ин, таҳия ва қабули "Консепсияи амнияти миллии ҶТ", "Доктринаи ҳарбии ҶТ" ва "Консепсияи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон" тадбирҳои мушаххасе буданд баҳри таҳкими Артиши миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ. Таҳким ва такмили Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун сохтори ҳарбӣ ҳамеша идома дорад. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ аз 23-юми декабри соли 2022 чунин омадааст:"Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем. Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд".

Хушбахтона, имрӯз бо ибтикори Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он мушкилоти солҳои пешин, аз қабили нарасидани афсарони ҷавон, мутахассисони ҷавони соҳаҳои гуногуни ҳарбӣ ва техникаю лавозимоти ҳарбӣ дигар ба назар намерасанд. Бо шарофати иқдомҳои пайвастаи Сарвари давлат, Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон амалан сурат ва моҳияти ташкилоти пурқудрати ҳарбиро соҳиб гашта, имрӯз бо интизоми қавӣ ва донишу малакаи комил дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, садоқат ба касбу савганд вазифаи бошарафи худ - ҳимояи Ватан ва ҳифзи зиндагии осоиштаю меҳнати созандаи халқи худро анҷом дода, дар ҳайати неруҳои вобасташудаи зудамали СААД яке аз пешқадамтарин махсуб меёбанд. Дастаҳои таъиноти махсуси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи зиддитеррористии СҲШ баҳои баланди ҳарбӣ гирифтаанд, ки ядрои ҳайати онро асосан ҷавонон ташкил медиҳанд.

Итминони комил дорем, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон савганди ботантанаи дар назди Президенти кишвар ёдкардаи худро ҳамеша азизу муқаддас медонанд, ба халқу Ватан ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон содиқона хизмат мекунанд ва шарафу номуси ҳомии миллати куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷикро мардона пос медоранд.

***Б. Асламов,***
***ходими калони илмии шуъбаи адъюнктура,***
***Аълочии матбуоти Тоҷикистон,***
***полковники милитсия***
***Ш. Убайдуллоев,***
***дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2,***
***Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон,***
***полковники милитсия***

# Рӯзи 23-юми феврал дар таърих






Ҳар сол санаи 23-юми феврал дар Тоҷикистони мо ҳамчун Рӯзи муҳофизони Ватан ё Рӯзи Артиши миллӣ ҷашн гирифта мешавад. Суоле ба миён меояд, ки чаро на рӯзҳои дигар, балки маҳз 23-юми февралро Рӯзи муҳофизони Ватан ном додаанд? Аз ин рӯ, зарур донистем барои муайян намудани заминаҳои бавуҷудоии ин ҷашн ба санадҳои таърихӣ назар намоем.

Аз санадҳои таърихӣ маълум мегардад, ки ин ҷашн бо чанд ном дар таърих нақши худро ба ёдгор гузоштааст:

- Рӯзи Артиши Советӣ;
- Рӯзи Артиши Сурх;
- Рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ва Флоти ҳарбӣ-баҳрӣ.

Ҳамин тавр, баъд аз ғалабаи шӯриши мусаллаҳона дар Петроград, рӯзҳои 24-25 октябри соли 1917 (аз рӯи тақвими имрӯза 7-8 ноябри соли 1917) ба ҷумҳурии ҷавону тозабунёди Шӯравӣ қувваҳои зиддиинқилобӣ ҳамла намуданд. Ҳукумати навташкили шӯроҳоро зарур буд, ки алайҳи онҳо мубоизаи оштинопазирро оғоз намояд. Дар он замон ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравиро фақат отрядҳои Гвардияи сурхи сарбозон ва маллоҳони инқилобӣ ташкил медод. Ҳокимияти Шӯравӣ бо мақсади ҳимояи давлати тозабунёд ба ташкили артиши муназзаму доимоамалкунандаи худ шурӯъ намуд. Санаи 15-уми январ (бо солшумории нав 29-уми январ)-и соли 1918 Раиси Шӯрои Комиссариатҳои халқ В.И.Улянов (Ленин) Декрет "Дар бораи ташкили Флоти ҳарбии коргару деҳқон"-ро имзо намуд. Баъдтар, санаи 29-уми январ (бо солшумории нав 11-уми феврал)-и ҳамон сол Декрет "Дар бораи ташили Артиши сурхи коргару деҳқон" низ ба тасвиб расонида шуд.

18-уми феврали соли 1918 қӯшунҳои ҳарбии олмонию австриягӣ, ки дар умум 39 дивизияро ташкил медоданд, инчунин ҳарбиёни турк, аҳдномаи оштии 2 (15) декабри соли 1917 басташударо шикаста, ба давлати тозабунёди Советӣ ҳамла намуданд ва ба истило намудани Украина, Беларус ва минтақаҳои назди Балтика оғоз карданд. Рӯзи 21-уми феврали ҳамон сол қӯшунҳои олмонӣ шаҳри Минскро ишғол намуданд. Дар ин рӯз Ҳукумати Шӯравӣ бо шиори "Ватани сотсиалистӣ дар хатар" ба аҳолӣ муроҷиат намуд. Аҳолӣ нисбати ин муроҷиати роҳбарияти давлати тозабунёд бетарафӣ зоҳир накарда, ихтиёран ба сафи Артиши сурх дохил гардиданд.

Санаи 23-юми феврали соли 1919 дар шаҳри Петроград рӯзи Артиши сурх таҳти шиори ҳимояи Ватани сотсиалистӣ аз "қӯшунҳои кайзеровӣ" (дар санадҳои он замона вожаҳои "немисӣ" ё "олмонӣ" истифода нашуда, танҳо вожаи "кайзеровӣ" ном бурда мешуд) баргузор гардид. Дар иҷлосияи Шӯрои петроградии депутатҳои Артиши коргару деҳқон, ки ба солгарди ташкили Артиши коргару деҳқон бахшида шуда буд, бо маърӯзаи шодбошӣ Раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумируссиягӣ Я.М. Свердлов баромад карда, қайд намуд, ки Артиши сурх, қабл аз ҳама бар зидди душманони хориҷӣ таъсис дода шудааст.

Аввалин маротиба соли 1923 ба ифтихори "Рӯзи Артиши сурх ва флот" фармони Шӯрои инқилобии ҳарбии ҷумҳурӣ интишор карда шуд. Баъдтар, Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумируссиягӣ ҷиҳати муштарак намудани солгарди Артиши сурх боз бо як чорабинии таблиғотӣ, яъне "Рӯзи туҳфаи сурх" тасмими тозае гирифт. Ба зудӣ рӯзномаи овозадори "Правда" меҳнаткашонро бо хабари тоза ошно намуд: "Таҷлили Рӯзи туҳфаи сурх дар тамоми ҳудуди Шӯравӣ ба рӯзи 23-юми феврал гузаронида шуд. Дар ин рӯз дар тамоми шаҳрҳо ва дар фронт иди солгарди таъсиси Армияи сурх таҷлил карда мешавад…".

Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъд аз расидан ба Истиқлолияти давлатӣ санаи 23-юми февралро ҳамчун Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ таҷлил менамуд, ки асосҳои бунёдии худро аз 23-юми феврали соли 1993, яъне гузашти аввалин паради низомӣ дар пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе медонад.

***А. Саидов,***
***курсанти курси 4 факултети №6,***
***сержанти хурди милитсия***

# Санъати роҳбарӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ



Дар ҳама давру замон барои пешбурд ва роҳбарии вазифаҳои давлатӣ омили асосӣ ин шуур ва донишу малакаи баланди касбӣ доштани санъати роҳбариву ташкилотчигӣ нақши муҳимро мебозанд ва албатта, то замони мо ва дар гузаштаи таърихӣ низ инро дар мисоли давлатҳои мутараққии олам мушоҳида кардан мумкин аст. Ногуфта намонад, ки барои дилхоҳ хизматчии давлатӣ - низомӣ ва ё ғайринизомӣ, ки масъулияти роҳбариро ба ухда дорад, бояд хусусиятҳои махсус ва истисноӣ дода шавад, ки ин албатта дар тӯли чанд соли фаъолияти кориаш ба даст омада, таҷрибаву пешрафтҳои пайдарпайро низ дар бар дорад. Ин муддаиҳо инсонро ба ҳодисаву воқеаҳои гуногун, пастравиву баландравиҳо, сидқу ҳавасмандиҳо ва ё баръакс, дилшикастагиву тангравиҳо дучор месозад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳарсолаашон оид ба самти фаъолияти Вазорати маориф ва илми кишвар андешаҳои мухталифро матраҳ менамоянд. Дар ин миён зикр кардан ба маврид аст, ки қисми зиёди аҳолии давлати моро ҷавонон ташкил дода, дар баробари ин, аз ҳама қишри осебпазири ҷомеа низ маҳз онҳо ҳисоб меёбанд. Вазифаи давлату ҳукумат, дар ин асно аз он иборат аст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати дониши намояндагони ин қишри ояндасоз тамоми аҳли ҷомеа ва ҳам мақомоту идораҳои дахлдор якҷоя миёни ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва илмиву назариявиро ба роҳ монем. Дар ин самт Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" метавонад ба ҳайси як роҳнамои дурусту ҳадафманд барои ҳамаи мо кумак раоснад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барои тарбияву омода намудани як мутахассиси хуб, мо бояд корро аз мактаби хонаводагӣ сар кунем ва зина ба зина - аз боғча то муассисаи таҳсилоти миёна ва баъдан, то ба донишкадаву донишгоҳ марҳилаи таълиму тадрисро назорат намоем.

Ҷоиз ба зикри хос аст, ки бо ташаббуси Пешвои миллат, дар бисёр донишкадаву донишгоҳҳо, аз ҷумла Академияи идоракунии назди Президенти ҶТ ва Академияи ВКД факултети махсус барои омода намудани кадрҳои болаёқати соҳибтахассус фаъолият мекунанд. Ин ба истисонои курсҳои кӯтоҳмуддат дар дигар донишгоҳҳо мебошад.

Дар ин маврид қайд кардан зарур аст, ки айни замон дар сохтори Академияи ВКД, дар баробари чанд факултети он, факултети №1 низ фаъолият мекунад. Тӯли зиёда аз 20 сол мешавад, ки ин факултети пешоҳанг ҳамасола дар шакли рӯзонаву ғоибона шунавандагонро ба таълим фаро мегирад.

Дар факултети №1 шунавандагон аз ҳисоби тамоми ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият менамоянд, ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Дар баробари ин, факултети мазкур аз дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ низ мутахассисонро барои вазифаҳои роҳбарикунанда омода месозад.

Асос он аст, ки факултети №1 махсус барои таҳсилу бозомӯзӣ ва сайқал додани донишҳои кормандонест, ки дар оянда дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунанда фаъолияташонро идома додан мехоҳанд.

Дар баробари он ки ба фаъолияти факултети №1 аз тарафи роҳбарияти Академия диққати зиёд дода мешавад, ҳамзамон ин воҳиди сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбии мазкур зери таваҷҷуҳи хосаи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро қарор дорад. Ҳамин аст, ки барои таҳсилу илмомӯзӣ ва сайқал додани донишҳои шунавандагон, дар ин факултет тамоми шароитҳо муҳайё карда шудаанд.

Сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ низ ба фаъолияти факултети №1 таваҷҷуҳ зоҳир карда, бо раванди таҳсил ва натиҷаи имтиҳонсупорӣ аз наздик шинос мешавад. Бо шунавандагони ин факултет мулоқоту суҳбатҳои озод гузаронида, вохӯриҳои пайвастаи онҳоро бо курсантону шунавандагони дигар факултетҳои Академия, ки барои такмили дониши онҳо ниҳоят муҳим мебошанд, роҳандозӣ менамояд.

Ҳамчунин, бо супориши Вазири корҳои дохилӣ, аз ҷониби сардори Академия барои боз ҳам пурмаҳсул гардидани фаъолияти факултети №1 ва баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии шунавандагони он, барои ҳамкорӣ бо ин факултет устодону донишмандони саршиноси кишвар ҷалб карда мешаванд.

Омили дигари ҷолиб он аст, ки бо ташаббуси роҳбарияти Академия, суҳбату вохӯриҳои шунавандагони факултети №1 бо шоирону нависандагон, аҳли фарҳанг ва чеҳраҳои маъруфи кишвар пайваста гузаронида мешаванд, ки ин ҳам аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар хотимаи сухан қайд кардан зарур аст, ки барои сохтани ҷомеаи солиму пешрафта ҳатман бояд ҳамқадами давр буду аз илмҳои замон бархӯрдор. Гузашта аз ин, кадрҳои болаёқатро тарбия намудан зарур аст, то барои роҳбарии дилхоҳ мақоми давлатӣ ва дигар вазифаҳои ҷамъиятӣ садду монеъае пеш наояд. Зеро ҳеҷ мумкин нест, ки дилхоҳ роҳбари тасодуфӣ аз иҷро ва масъулияти ба зиммааш вогузоршуда барояд. Бояд гуфт, маҳз чунин таҳсилоти иловагӣ, ки дар заминаи факултети №1 ба роҳ монда шудааст, яъне бахши роҳбарикунанда, заминасози он ҳама хусусиятҳои хоси мусбишуда метавонад, ки дар умум, курси дусолаи бахши рӯзона ва ё ин ки сесолаи бахши ғоибона фарогири гуфтаҳои боло бошад, ки масъалаҳои муҳими роҳбарикунандаро дар бар мегирад. Ба таври мисол, барои муомилаву муоширати дурусти роҳбар бо зердастонаш омӯзиши психологияи касбӣ, риторика ва ё санъати суханварӣ - таъсиси низоми мутамарказ, назорати он ба таври ҳамешагӣ, кордониву ташкилотчигии роҳбар ва хубу бомасъулиятона ҷобаҷо кардани кадрҳо нақши муҳим мебозанд.

***Ализода С.А.,***
***шунавандаи курси 2 факултети №1,***
***майори милитсия***

# МАВЗӮИ МИЗИ МУДАВВАР:
## "Экстремизми динӣ: роҳҳо ва механизмҳои муқовимат ба он"



Барои Академия инкишофи ҳамкорӣ бо донишкадаҳои пешқадами хориҷӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи фаъолият маҳсуб ёфта, танҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ тайёр намудани кормандони баландихтисосе, ки аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои мубориза бар зидди ҷинояткории на танҳо маҳдуд, балки дар миқёси байнидавлатӣ қобилиятдошта мумкин аст.

Инак, мутобиқи Барномаи мақсадноки корӣ барои соли 2023 ва Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фаъолияти илмӣ байни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Уфа, ки 14-уми апрели соли 2017 ба имзо расидааст, санаи 16-уми феврал мизи мудаввари байналмилалӣ дар мавзӯи "Экстремизми динӣ: роҳҳо ва механизмҳои муқовимат ба он" дар шакли маҷозӣ (онлайн) гузаронида шуд.

Дар мизи мудаввари байналмилалӣ мутахассисони Маркази муқовимат ба экстремизми ВКД Ҷумҳурии Бошқирдистони Федератсияи Руссия, Академияи ВКД Ҷумҳурии Қирғизистон, Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Қарағанда, Донишгоҳи ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Краснодар, Донишгоҳи ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Санкт-Петербург ва филиали он дар вилояти Ленинград, Академияи ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Волгоград, Донишкадаи ҳуқуқшиносии Шарқӣ-Сибирии ВКД Федератсияи Руссия, Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Ростови лаби Дон, Донишгоҳҳои такмили ихтисоси ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳрҳои Тюмен ва Домодедово ва ғайра иштирок намуданд.

Бо сухани ифтитоҳӣ муовини сардори Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Уфа оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники политсия Алексей Юревич Терехов баромад намуд.



Аз номи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С. бо маърӯза дар мавзӯи "Хусусиятҳои муқовимат ба экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баромад кард.

Дар кори мизи мудаввар масъалаҳои марбут ба криминологӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистӣ, ҳуқуқӣ-маъмурӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар паҳлуҳои муқовимат ва мубориза бо экстремизми динӣ баррасӣ гардиданд.

Баъд аз анҷоми маърӯзаҳо аз тарафи мутахассисони муассисаҳо - иштирокчиёни чорабинии онлайнӣ саволҳо пешниҳод гардида, ба онҳо посухҳои мушаххас дода шуд.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***

# Дастуру супоришҳо вобаста ба таҷрибаомӯзии курсантон



Сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар вохӯрӣ бо ҳайати шахсӣ иброз дошт, ки вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ як андоза душворфаҳм буда, задухӯрдҳои ҳарбии замони муосир, вазъи ноороми Афғонистони ҳамсоя моро водор месозад, ки бахри таъмини сулху субот тамоми донишу маҳорати худро равона созем.

Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба масъалаи таълиму тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар самти нигоҳ доштани хушёриву зиракии сиёсӣ, таваҷҷуҳ намудан ба вазъи кунунии давлати Афғонистон, манфиатҳои ҷомеа ва давлат аз хатарҳои муосири экстремизму терроризм, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон ва дигар ҷиноятҳои хусусияти трансмиллидошта, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки аз ҷаласаи ҷамъбастии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2023 сарчашма мегирад, ба таваҷҷуҳи ҳозирин расонида шуд.

Гузашта аз ин, номбурда зикр намуд, ки дар ин лаҳзаҳои мураккаби ҳарбӣ-сиёсии ҷаҳон танҳо матонату мардонагӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми эътимод ба фарҳанги миллӣ, таърихи адабиёти пурифтихори миллат моро метавонад аз хатарҳои ҷойдошта эмин нигоҳ дорад.

Сардори Академия дар идома афзуд, ки курсантон бояд ба масъалаи иҷрои вазифаҳои хизматии худ ҷиддӣ муносибат намуда, ин даргоҳи маърифатро бомуваффақият хатм намоянд. Нвобаста аз таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти ВКД, дар самти омода намудани мутахассисони баландихтисос ва фароҳам овардани шароити арзандаи таҳсил имрӯз ҳастанд курсантоне, ки нисбати иҷрои вазоифу уҳдадориҳои хеш хунукназарона муносибат намуда, дар самти азхуд кардани донишҳои нав беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд.

Дар идомаи ҷаласа сардори факултети №2, н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия Мансурзода А.М. ва сардори факултети №6, н.и.ҳ., подполковники милитсия Амрудинзода М.А. ба сухан баромада, оид ба рафти супоридани санҷишу имтиҳонҳои сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 маълумот доданд.

Сардори Академия, дар навбати худ таъкид намуд, ки курсантон ба пурррагӣ санҷишу имтиҳонҳоро супорида, сипас ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар карда шаванд. Вобаста ба масъалаи равон намудани курсантони курси 5 ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба ҳозирин муроҷиат намуда, таъкид кард, ки таҷрибаомӯзӣ яке аз қисмҳои барномаи таълимӣ буда, он бояд дар сатҳи зарурӣ ташкил карда шавад. Ба сардорони факултетҳо, шуъбаи таълим ва сардорони курсҳои воҳиди таълимӣ-низомӣ дастур дода шуд, ки тамоми ҳуҷҷатгузории раванди таҷрибаомӯзӣ тибқи талабот омода карда шуда, назорати ин раванд пурра ба роҳ монда шавад.

Мавсуф ҷиҳати қатъиян риоя намудани дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. аз қабили риояи интизоми хизматӣ ва қонуният, одоби муошират, роҳ надодан ба рафторҳои ғайриоинномавӣ, қоидаҳои пӯшидани либоси низомӣ ва зиракии сиёсӣ, бори дигар курсантонро хотиррасон намуд.

Инчунин, Ф. Шарифзода ба курсантон таъкид кард, ки ҳангоми таҷрибаомӯзӣ таваҷҷуҳ танҳо ба азхуд намудани донишҳои нав ва шинос гардидан ба амалияи мақомоти корҳои дохилӣ равона карда шуда, оқибатҳои ҳар як амалро омӯхта, дастуру супоришҳои роҳбалад ва дигар кормандони масъули воҳидҳои мақомоти корҳои дохилиро ба пурррагӣ дарк намоянд, оқибати ҳуқуқии онро пешбинӣ карда, аз ҳар гуна кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ худдорӣ намоянд.

*У. Олим,*
*С. Сафарзода*

# Назорати раванди таҷрибаомӯзии курсантон дар ҷузъу томҳои ВКД

Дар асоси фармоиши сардори Академия, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ як гурӯҳ омӯзгорон бо мақсади назорат намудани рафти таҷрибаомӯзии курсантон, ба Шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон сафарбар карда шуданд.



Ҳайати гурӯҳ иборат аз омӯзгорон - полковники милитсия Баҳрулло Сатторзода, подполковники милитсия Суфӣ Нуриддинзода ва майори милитсия Дилшод Раҳимзода, раванди таҷрибаомӯзии курсантонро дар шуъбаҳои милитсияи шаҳру ноҳияҳои Норак, Кулоб, Данғара, Фархор, Ҳамадонӣ, Восеъ, Ховалинг ва Шамсиддин Шоҳин мавриди санҷиш қарор доданд. Аз ҷониби мушоҳидачиён дар ҳар як ШВКД бо курсантон вохӯрӣ гузаронида шуда, талаботи роҳбарияти Академия ҷиҳати риоя кардани интизоми хизматӣ, иштироки фаъолона дар таҷрибаомӯзӣ ва тайёрӣ барои супоридани имтиҳонҳои хатм фаҳмонида шуд.

Роҳбарияти Шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои зикршуда ҷиҳати ҳамкории якҷоя оид ба назорати раванди таҷрибаомӯзии курсантон миннатдории худро ба роҳбарият ва ҳайати профессорону омӯзгорони Академия изҳор намуда, дар навбати худ иброз доштанд, ки "дар якҷоягӣ ҷиҳати алоқаманд намудани донишҳои назариявии курсантон ба фаъолияти амалӣ мусоидат намуда, бахри ба воя расонидани онҳо ҳамчун кормандони оянндаи босалоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ ҷиддуҷаҳд менамоем".

***Нуриддинзода С.Н., подполковники милитсия***

# Гар Ватан ту дилро меҳоҳӣ фидо созам ба ҷон!

Ватан он қаламравест, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо аҷдодони мо дар он умр ба сар бурдаанд, бо як забон сухан гуфтаанд, шодию хурсандӣ, нолаю фиғон ва дарди дил кардаанд. Ватан - ин ҳамон сарзаминест, ки ниёгони мо ҳар як ваҷаб хоки онро муқаддас шуморида, барои ҳифзаш бо госибони аҷнабӣ, кишваркушоёни ҳарису зарпараст ҷангидаанд, хун рехтаанд, дар роҳи ҳифзи нангу номуси хеш шаҳид гардидаанд ва дар он қаламрави меҳрпарвар, ки имрӯз Тоҷикистон ном дорад, ба хоби абадӣ рафтаанд. Мо барои Модар-Ватанро ҳифзу нигаҳбонӣ кардан, бояд ҳар лаҳза, ҳар дақиқа ва ҳар шабу рӯз омода бошем.

Санаи 23-юми феврал дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони маҳбубамон Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳ ҷашн гирифта мешавад. Бояд шукрона аз Истиқлоли давлатӣ намуд, ки имрӯз афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ бо дарки баланди масъулияти касбӣ вазифаҳои худро содиқона ба ҷо оварда, барои пешгирии ҳар амалу кирдоре, ки амният ва ҳаёти осоиштаи сокинони кишварро зери хатар мегузорад, омода мебошанд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи даврони Истиқлол буда, дар шароити вазнин таъсис ёфтаанд. Дар яке аз суханрониҳои худ Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба садоқати ин неруи тавоно ва сипари боэътимоди давлат қайд намуданд, ки: "Аз оғози таъсисёбӣ то имрӯз ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар лаҳзаҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз борҳо садоқати худро ба Ватан ва миллати худ, Ҳукумат ва Президенти Тоҷикистон собит сохтаанд".

Таърих шаҳодат медиҳад, ки то соли 1997 Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се навъи асосӣ - Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ иборат буданд. Дар натиҷаи ислоҳоти ҳарбӣ дар Артиши миллии Тоҷикистон, ки аз рӯзҳои бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ оғоз гардид, то имрӯз корҳои хеле зиёд ба самон расонида шуданд. Дар ин замина, Сарситод ба Ситоди генералӣ табдил ёфта, Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ муттаҳид гардонида шуда, дар сохтори бисёре аз қисмҳои низомӣ дигаргуниҳои зиёд ворид шуд ва аз ҳама муҳим - бо назардошти таҳдиди хатарҳои ҷаҳони муосир навъи сеюми Қувваҳои Мусаллаҳ ё худ Қӯшунҳои зудамал дар ҳайати Артиши миллии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳ соли 1993 ташкил шуда, аз сершумортарин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ аст. Қӯшунҳои хушкигард 70 дарсади шумораи умумии Артиши миллии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Дар ҳайати Қӯшунҳои хушкигард асосан ҷузъу томҳои низомии савораи тирандоз, танкӣ ва артиллерия фаъолият мекунанд. Ҳамасола қисмҳои низомии ин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ дар гӯшаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мустақилона ва ё дар якҷоягӣ бо ҷузъу томҳои дигар сохторҳои қудратии мамлакат машқҳои васеи низомӣ доир намуда, омодагии ҷангии худро пайваста сайқал медиҳанд.

Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ аз нахустин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ ба шумор рафта, он ҳамсолу ҳамқадами Артиши миллӣ мебошад. Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ бошад, соли 1994 ташкил ёфтааст. Дар натиҷаи ворид намудани ислоҳоти ҳарбӣ ва бо назардошти ҳадафу вазифаҳои ягона соли 2005 ин ду навъи Қувваҳои Мусаллаҳ муттаҳид гардонидат шуда, тибқи талаботи меъёрҳои моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон", алҳол Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ номгузорӣ шудааст.

Ба андешаи мо, мақсад аз ислоҳоти ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, пеш аз ҳама таъмин намудани амният ва бехатарии миллӣ, таъсис додани қувваҳо ва қисмҳои ҳарбии зудамал, афзоиш додани тезодии умумии хизматчиёни ҳарбӣ ба шумор меравад. Бояд зикр намуд, ки дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳарбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали таъсисёбии Артиши миллӣ новобаста аз мушкилоти мавҷуда бо аксар давлатҳои ҷаҳон, махсусан бо Федератсияи Руссия ҳамкории дуҷониба дорад. Тоҷикистон шарики стратегии Руссия маҳсуб мёбад ва аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ хизматчиёни ҳарбии мо дар макотиби олии Вазорати мудофиаи ин давлат таълим мегиранд. Имрӯз дар макотиби гуногуни ҳарбии Руссия беш аз 500 мутахассиси тоҷик дарс меомӯзанд.

Дар самти пешбурди ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ аз Тоҷикистони соҳибистиқлол дар давлатҳои гуногун, ба мисоли Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии



Ҳиндустон, Британияи Кабир, Канада, Олмон, Фаронса ва ИМА таҳсили ҳарбиро идома дода истодаанд. Бо ҳамкории масъулини вобастаи низомии давлатҳои Фаронса, Ҳиндустон, Британияи Кабир, Олмон ва ИМА дар Донишкадаи ҳарбӣ ва литсейҳои ҳарбии ҳудуди кишвар курсҳои махсуси омӯзиши забонҳо ташкил ёфтаанд, ки мақсади асосии онҳо омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ мебошад.

Мустаҳкам намудани рӯҳияи низомии сарбозону афсарон, ҳифзи ормонҳои абадзиндаи ватандӯстӣ, эҳтиром ба муқаддасоти Ватан, ифтихори миллӣ шохаи асосӣ ва муҳими корҳои тарбиявӣ дар артиш маҳсуб мёбад. Таърихи қаҳрамонию шуҷоат, далерию матонати падарону бобоёни мо бар ҳар як хизматчии ҳарбӣ дарси ибрат аст ва ташаккули хусусияти миллӣ доштани артиш, муносибати халқ ба хизмати ҳарбӣ ва эҳтироми мардуми Тоҷикистон ба заҳмати ҳарбиён таъсири нек мерасонад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон нисбат ба неруҳои ҳарбии ҳамаи кишварҳои ҳамсоя таҷрибадортар аст, чун як ҷанги шаҳрвандии ҳудудан панҷсоларо (1992-1997) ҳам пушти сар гузошт. Замоне, ки бо мухолифони мусаллаҳ меҷангид, басо таҷрибаҳои ҷангиро низ омӯхт ва имрӯз онро такмил медиҳад. Дар замони муосир қувваи асосие, ки ба амнияти минтақавию ҷаҳонӣ таҳдид мекунад, ин терроризми байналмилалӣ ва экстремизми сиёсӣ аст. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии бунёди Қӯшунҳои зудамал ин ҷорӣ намудани усулҳои нави омодагӣ бар зидди неруҳои ба амнияти ҷаҳон таҳдидкунанда ва дар маҷмӯъ, қобили ҷангу ҳарб намудани ҳама Қувваҳои Мусаллаҳ аст.

Хушбахтона, имрӯз нобобаста ба вазъи нооромии минтақаву ҷаҳон Артиши миллии мо фаъолияти худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, таъмини суботу амният, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат тақвият бахшида, ҳар як корманди ин сохтор мақомот вазифаҳои хизматиашонро бо масъулияти баланд ва содиқона ба анҷом мерасонанд. Дар ин самт нақши Қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиа, ки бо Фармони Президенти мамлакат аз моҳи сентябри соли 2003 бунёд ёфтааст, хеле калон мебошад.

Бунёди ин навъи қӯшунҳо дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ, дар доираи навсозӣ ва бе зиёд намудани шумораи ҳайати умумии Артиши миллии Тоҷикистон сурат гирифт. Ба ҳайати он ҳама қисмҳои низомии десантӣ, тирандозони кӯҳӣ, қисмҳои таъиноти махсус, Полки муҳандисӣ-сапёрӣ ва як қатор ҷузъу томҳои дигар шомил гаштанд. Айни ҳол ҷузъу томҳои Бригадаи десантӣ-зарбавии Қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиа ба Қувваҳои муштараки вокуниши фаврии кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД) ва се баталёни он ба неруҳои муштараки зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ шомил мебошанд.

Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, дар ҳақиқат сипари боэътимоди давлат, ҳимоятгари асосии сокинони кишвар ва ба сулҳу ваҳдат дар ҷомеа мебошанд. Дар ин раванд, барои насли ҷавони Ватани азизамон муҳимтарин мактаби обутоб ин хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Маҳз хизмати ҳарбӣ барои ҳаёти ҳар як ҷавонписар мактаби омӯзиши шуҷоату мардонагӣ буда, заминаи азхуд намудани арзишҳои муқаддастарини ҳаёт, меҳвари густаришдиҳандаи эҳтироми Ватан ва ватандорӣ, омили содиқона муҳофизат кардани марзу буми Тоҷикистони биҳиштосоямон ба шумор меравад. Ин аст, ки тарбияи ватанпарастӣ аз оила, кӯдакистон ва мактаб оғоз шуда, дар ҷомеа, ниҳоят дар сафи Артиши миллӣ ҳаматарафа ташаккул мёбад.

Афсарону сарбозони шуҷои мо пайваста дарк менамоянд, ки дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд ва ҳаргиз фаромӯш накунанд, ки фазои орому осудаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бар ивази ҷони садҳо нафар ҷавонмардони бонангу номуси миллат ба даст омадааст. Воқеан, ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар баъзе манотиқи кишвар бахри фурӯ нишондани ошӯбҳои исёнгароёнаи хоинону душманони миллат бо гузаронидани даҳҳо амалиёти махсус садоқат ва матонати худро ба Ватани азизамон борҳо собит кардаанд.

Барои таъмини шароити хуби адои хизмати ҳарбӣ, имрӯз яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҳукумати Тоҷикистон - беҳтар кардани шароити хизмат, зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ буда, ҳамасола дар доираи ислоҳоти соҳаи ҳарбӣ музди меҳнат ва маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ мунтазам зиёд шуда истодааст. Маҳз бо дастгирӣ ва ғамхории Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он артише, ки дорои техникаву таҷҳизоти номукаммал буд, имрӯз ба як артиши тавоно ва замонавӣ табдил дода шуд, ки соҳиби техникаи ҳарбии пурқувват, биноҳои маъмурии замонавӣ, таълимгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир, машқгоҳҳо ва мутахассисони соҳибдониши ҳарбӣ мебошад.

Ҳамзамон, давоми солҳои охир бо манзили истиқоматӣ таъмин шудани оилаҳои як қатор хизматчиёни Қувваҳои Мусаллаҳ, сохтмони шаҳракҳои гуногун барои низомиён ва дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба нақша гирифта шудани бунёди биною иншоот ва инфрасохтори таъиноти гуногуни соҳаи ҳарбӣ шаҳодат аз дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат мебошад.

Мо - мардуми шарафманди Тоҷикистон, бояд дарк намоем, ки соҳиби Артиши миллии ҳифзкунандаи марзу буми кишвари азизамон ҳастем ва ҳаёти осоиштаи халқи маҳбубамон, маҳз аз самараи хизмати софдилонаи ҳар як хизматчии ҳарбӣ бармеояд. Ҷавонони имрӯза бояд ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими Истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии онро чун вазифаи муқаддаси шаҳрвандӣ ва қарзи ҷонию имонии худ бидонанд.

Содиқ будан ба савганди ҳарбӣ танҳо барои ноил гаштани чунин мақсадҳо бояд равона бошад:

- хизмати Ватан-Модар, ҳимояи марзу буми кишварро чун рисолати азалии ҷавонмардона доштан;
- дар қалби худ самимона ҷой намудани ҷавонмардӣ, нангу номуси миллатдорӣ, шуҷоат ва далерӣ;
- пос доштани азму талош ҷиҳати таъмини амнияти Ватани хеш аз истилогарони дохилӣ ва берунӣ;
- дар заминаи таъмини бехатарӣ ва амнияти давлат, ҳимояи марзу бум ва сулҳу суботи кишвар хизмати ҳарбиро чун мояи шараф, рисолати мардонагӣ ва ифтихори ватандорӣ донистан.

Дар ин росто, ба тамоми хизматчиёни ҳарбии шуҷоатманди кишвари соҳибистиқлоламон, ба он нафароне, ки бахри амнияти Тоҷикистони азизамон бо ҷонфидоӣ адои хизмати ҳарбӣ менамоянд, ба он ҷавонмардоне, ки меҳоҳанд дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ минбаъд софдилона хизмат намоянд, аз суханҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтанием:

"Шубҳае нест, ки тамоми хизматчиёни ҳарбии мамлакат, аз генерал то сарбози қаторӣ минбаъд низ вазифаи муқаддаси худро дар ҳифзи амнияти давлат ва таъмини сулҳу субот, зиндагии осоиштаи мардум ва баланд бардоштани обрӯву нуфузи байналмилалии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамаи неру ва донишу малакаи худро сарф менамоянд ва ба халқу Ватани худ чун фарзандони бонангу номус содиқонаву софдилона хизмат мекунанд".

Биноан, ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҳамчун ватандӯстони асил малакаю маҳорати касбии худро дар сатҳи баланд нигоҳ дошта, дар ҳифз намудани манфиатҳои халқу давлатамон, пойдории сулҳу субот, ба амал баровардани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи Истиқлол ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзандаи худро мегузоранд.

*Сатторзода А.С.,*
*Холзода К.А.,*
*Абдулҳамидзода А.Д.,*
*омӯзгорони кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулодаи факултети №5*



Вақте сухан дар бораи Истиқлол меравад, пеши рӯ эҳсоси баланди худшиносӣ, соҳибватанӣ меояд. Истиқлол беҳтарин дастоварди таърихӣ ба шумор меравад. Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии хеш имконият пайдо намуд бисёр корҳои барои ояндаи миллат фоидаоварро роҳандозӣ намояд. Истиқлоли давлатӣ тавонист барои зани тоҷик озодандешӣ, зиндагонии шоиста ва имконияти муфид фароҳам оварад. Дар замони Истиқлол занон тавонистанд дар дилхоҳ соҳа кору фаъолияти самарабахш намоянд. Имрӯз зани тоҷик дар баробари модару ҳамсари хуб будан, инчунин роҳбар, муҳандис, сароянда, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳатто дар қӯшунҳои сарҳадӣ низ фаъолият намуда, саҳми худро дар пешрафти Ватану осудагии миллат гузошта истодааст.

# Нақш ва мақоми занон дар ҷомеаи муосир

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз огози Истиқлол вобаста ба таҳкими мақому манзалат ва таъмини риояи ҳуқуқи конститутсионии занон тамоми тадбирҳои заруриро андешида, мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амалӣ мегардонад.

Дар ин давра, бо мақсади баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, таъмин намудани баробарҳуқуқии мардону занон, тарбияву интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд як силсила асноди зарурӣ қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Мақсад аз қабули ин санадҳо, пеш аз ҳама арҷгузорӣ ба ҳуқуқу озодиҳои занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, нақши ӯ дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти занону духтарон мебошад. Масалан дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

Имрӯзҳо дар ҷомеа соҳаеро пайдо кардан душвор аст, ки дар он зан-модари тоҷик кору фаъолият накунад.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки проблемаи беҳтаргардонии шароити занон ҳамеша дар маркази диққати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Новобаста ба душвориҳои сангини солҳои аввали Истиқлол ва ноустувории амнияту суботи кишвар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвияти мавқеи занон дар ҷомеа ва фаъол гардонидани нақши онҳо, тарбияи насли худшиносу худогоҳ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба тасвиб расониданд, ки ин дар таърихи навини Тоҷикистон имкони васеъ пайдо намудани занонро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин намуд. Аз ҷумла:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" аз 1 марти соли 2005, таҳти №89;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" аз 19 июли соли 2022, таҳти №1890;

- Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду марҳила (солҳои 2011-2020 ва солҳои 2021-2030);

- Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001, таҳти №391 тасдиқ гардидааст;

- Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар се марҳила (барои солҳои 2007-2016; солҳои 2017-2022 ва солҳои 2023-2030);

- Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, таҳти №801 тасдиқ шудааст;

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" аз 3 декабри соли 1999, таҳти №5.

Лозим ба зикр аст, ки қонунгузорӣ дар бораи баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон танҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло ишорагардида маҳдуд намешавад. Дар баробари ин ва дар асоси қонунҳои дар боло зикршуда, дар Тоҷикистон санадҳои сершумори зерқонунӣ ва барномаҳову нақшаи чорабиниҳои зиёд қабул гардидаанд, ки барои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои занон, ки дар Конститутсия, дигар қонунҳои мамлакат, инчунин аз ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон бармеоянд, нигаронида шудаанд.

Дар хошияи гуфтаҳои боло ҳаминро қайд карданием, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа андешаронӣ менамоянд. Паёми навбатӣ низ истисно нест ва Сарвари давлат зимни ироаи он қайд карданд, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд.

Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаҳои маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд.



Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад.

Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзӣ ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст. Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол будани занону бонувон дар пешрафти иқтисодиёти кишвар мебошанд.

Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд. Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд.

Мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба неруву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем.

Мо, ҳамчунин, ба нақши зан-модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад.

Ҷомеае, ки дар он зани донишманду бомаърифат зиндагӣ ва кору фаъолият мекунад аз он ҷо ҳатман ҷавонону наврасони соҳибмаърифат ва ба камол мерасанд, чунки маърифати зан ба фарзандонаш таъсири амиқ расонда, агар модар китобхон, боиффат, бомаърифат ва донишманд бошад, фарзандон низ майл ба донишу маърифат карда, хислатҳои неки модарашонро дар худ парвариш медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд.

Маҳз ҳамин таҷрибаҳоро омӯхта, дар бунёди ҷомеаи демократии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба маърифати зан таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ба ин хотир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониву Паёмҳои ҳарсолаашон ба масъалаи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа диққати ҳамагонро ҷалб месозанд. Зеро занон дар ҷомеаи Тоҷикистон 50 фоизи аҳолиро ташкил карда, дар пешрафти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ нақши муассир доранд. Аммо дар замони ҳозира талабот ба фаъолияти занон дар корҳои давлатӣ бештар аст. Зиёдтар ҷалб кардани бонувон ба кор дар муассисаҳои тиббӣ, давлатӣ ва хизмати давлатӣ, соҳибкорӣ пурманфиат арзёбӣ мешавад.

Баланд гардидани мақоми зан дар ҷомеа барои пешрафти сиёсат нақши муҳим гузошт. Агар ба саҳифаҳои таърих назар андозем, симои зани тоҷик ҳамчун фарҳангпарвару сиёсатмадор ва илмдӯсту хирадманду кордон тасвир ёфтааст. Заминаи бофарҳангу ватанпарвар будани зани тоҷик буд, ки имрӯз зан-модари тоҷик олиму омӯзгор, ҳунармандy соҳибкор, варзишгару рӯзноманигор буда қариб, ки дар ҳамаи соҳаҳои калидӣ иштироки хуби занон дида мешавад.

Иқдоми дигар дар ҷодаи арҷгузорӣ ба мақому манзалати Зан-Модар таҷлили Рӯзи модар аст, ки ҳамасола санаи 8-уми март ҳамчун ҷашни умумимиллӣ ва идомаи анъанаҳои ниёгон бо асолат ва муҳтавои азалиаш қайд карда мешавад.

*М. Курбонова,*
*омӯзгори факултети №6,*
*лейтенанти калони милитсия*

# Дар кафи хокат Ватан ман хешро дунё кунам!





Санаи 20-уми феврал дар толори фарҳангии Академия чорабинии чашнӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар чорабинии идона сардори Академия, д.и.х., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, ҳайати шахсӣ ва меҳмонони ифтихорӣ - Шоири халқии Тоҷикистон Алимуҳаммад Муродӣ ва роҳбари намояндагии ташкилоти ҷамъиятии "Бародарони ҳамрок" Сайдаҳмад Давлатов иштирок намуданд. Модератори чорабинӣ н.и.педагогӣ, полковники милитсия Давлатшозода Азиза Ширинбек интихоб гардид.

Сардори Академия Файзалӣ Шарифзода оид ба икдомҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати таъсис ва пуркувватгардонии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ сухани ифтитоҳӣ намуда, ҳозиринро ба муносибати 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфт.

Сипас, профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Носир Ҷобир дар мавзӯи "Артиши миллӣ - зодаи давронӣ Истиқлолият" маърӯза намуд. Курсанти курси 4 факултети №2 милитсияи қаторӣ Бахтиёр Холиқов дар мавзӯи "Артиши миллӣ - кафили амнияти Тоҷикистон" маърӯза намуда, курсанити курси 2 факултети №2 милитсияи қаторӣ Сино Муродов шеъри Нихонӣ "Артиши миллӣ"-ро ботантана қироат намуд.

Дар идомаи маҳфили идона роҳбари намояндагии ташкилоти ҷамъиятии "Бародарони ҳамрок" Сайдаҳмад Давлатов ба сардори Академия ва фаъолоне, ки дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон саҳм доранд, мукофотҳо супорид.

Шоири халқии Тоҷикистон Алимуҳаммад Муродӣ аз ашъори худ шеърҳои ватандӯстона қироат намуд.

Дар интиҳои чорабинӣ барномаи консертии дастаи коркманд-хаваскорони Академия аз ашъори Алимуҳаммад Муродӣ бар оҳанги сарояндагони маъруф - Иззат Шарифӣ ва Нуриддин Собиров баргузор гардид.

Чорабинии тантанавиро сардори Академия бо сухани хотимавӣ ҷамъбаст карда, бори дигар ҳозиринро ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона муборакбод намуд.

*Б. Асламов,*
*С. Сафарзода,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Дар Тоҷикистон соҳаи тандурустӣ рушд мекунад!

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ин ҳифзи саломатии шаҳрвандон маҳсуб меёбад. Бо мақсади беҳтар намудани вазъи саломатии аҳолӣ, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд санади меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расидааст. Аз ҷумла, барои тарбияи мутахассисони соҳаи тандурустӣ Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар солҳои 2006-2015, Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010-2020 аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Тайи солҳои охир соҳаи хизматрасонии тиббии кишвар ба азнавсозии заминаҳои ташхисиву табобатӣ, неруманд намудани инфрасохтори муассисаҳо, таъмини дастрасии хизматрасонии ташкилӣ, муоличавию пешгирӣ ва ворид намудани усулҳои муосири ташхису табобатӣ беҳтар гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо ҳамаи сохторҳои байналмилалӣ ҳамкории судманд ба роҳ монад. Яке аз чунин сохторҳо Бонки ҷаҳонӣ мебошад, ки бо дастгирии он дар самтҳои мухталифи рушд - энергетика, нақлиёт, тандурустӣ, кишоварзӣ, пешгирии офатҳои табиӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок дар ҳар гӯшаи мамлакат корҳои назаррас анҷом дода шуда истодаанд. Амалисозии лоиҳаи "Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ" мисоли хубест оид ба ин ҳамкорӣ, ки дар беҳтар намудани хизматрасонӣ дар самти кумаки аввалини тиббӣ, бахусус дар минтақаҳои деҳот мусоидат менамояд. Он аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва Фонди мақсадноки натиҷаҳои инноватсионӣ дар соҳаи тандурустӣ бо маблағи 33 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ мешавад ва аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Солҳои охир мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар масъалаи татбиқи самараноки барномаҳои соҳавӣ, омӯзиш ва андешидани тадбирҳо вобаста ба масъалаи хизматрасонии маъюбон ва солимгардонии онҳо, самараноку мақсаднок истифода намудани маблағҳои инвеститсионӣ, мукаммалгардонии сохторҳои низоми тандурустӣ, такмили сиёсати кадрӣ, ҷобаҷогузории кормандони соҳаи тандурустӣ ва компютеркунонии самтҳои мухталифи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ мунтазам роҳбарияти давлат ба рушди маблағгузории соҳаи тандурустӣ диққати хоса дода, давра ба давра онро зиёд менамояд. Дар ин муддат, буҷети соҳаи тандурустӣ 25 маротиба афзоиш ёфта, музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ низ 19 маротиба баланд гардидааст. Ҳамзамон, пардохти саривақтии музди меҳнат, кумакҳои иҷтимоӣ ва ҷубронпулиҳо таҳти назорати қатъии Ҳукумат қарор дошта, ҷиҳати бартараф намудани қарздории пардохти ин маблағҳо, инчунин беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ тадбирҳои бетаъхир андешида шуда истодаанд.

Дар маҷмӯъ, дастовард ва навгониҳое, ки айни замон дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, худ далели раднопазири онанд, ки соҳаи мазкур дар мамлакат рӯ ба рушд аст.

Ба масъалаи ҳифзи тандурустии аҳолии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ аз 23-юми декабри соли 2022 иброз намуданд, ки: "Дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии мамлакат аз 5 миллион нафар дар соли 1991 то ба 10 миллион нафар дар моҳи июли соли 2022 афзоиш ёфтааст, яъне ду баробар зиёд гардидааст. Барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба он бунёди муассисаҳои нав, азнавсозии муассисаҳои мавҷуда ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо зарур мебошад. Бо ин мақсад, танҳо дар ду соли охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба муассисаҳои тандурустии кишвар ба маблағи зиёда аз 1 миллиард сомонӣ беш аз 200 номгӯй таҷҳизоту дастгоҳҳои муосир дастрас карда шудааст. Бо вуҷуди он ки дар самти пешгирӣ кардан ва табобати беморон дастоварду пешравиҳои муайян ба назар мерасанд, вале ҳанӯз масъалаҳои тарбияи кадрҳо, хусусан, дар коллеҷҳои тиббии чӣ давлатӣ ва чӣ хусусӣ, аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳо бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои тандурустӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳбудӣ металабанд. Вобаста ба ин, бори дигар хотиррасон менамоям, ки рушди саноати дорусозӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин мебошад".

Дар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ низ бо ташаббуси Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро тамоми шароитҳо барои ҳифзи саломатии ҳайати шахсӣ ба роҳ монда шуда, сари вақт маъракаи ваксинагузаронӣ оид ба пешгирии бемориҳои сирояткунанда амалӣ шуда, барои барқарорсозии саломатӣ марказҳои тиббӣ мавриди истифода қарор доранд. Тибқи тартиби муқарраргаштаи Раёсати тиббии ВКД, кормандон пайваста аз муоинаи тиббӣ гузаронида мешаванд.

*Соҳибиён Диловаршои Мирзо,*
*корманди шуъбаи тиббии Академия,*
*лейтенанти калони милитсия*



МУАССИС:
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Раҳимзода Р.Ҳ.
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шарифзода Ф.Р.
*Сардори Академияи ВКД*

Насуриён П.А.
*Муовини аввали сардори Академияи ВКД*

Раҳмадҷонзода Р.Р.
*Муовини сардори Академияи ВКД*

Ализода А.Ш.
*Муовини сардори Академияи ВКД*

САРМУҲАРРИР: Умед Олим
ХАБАРНИГОР-СУРАТГИР: Шавкат Убайдуллоев
ТАРРОҲ: Муҳаббат Рашидова

Барои истифодаи маводи нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе маводи аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд. Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

НИШОНӢ:
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

Телефонҳо:
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха